**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Дар накди адабии муосири тоҷик таҳқиқи жанри сафарнома ҳамчун жанри публитсистика вижагиҳои адабиёт ва ҳунарро дар худ ғунҷонида, баҳсҳои илмӣ оид ба низоми жанрҳои публитсистика ба вучуд овардааст. Пажӯҳиши илмии Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика» чиҳати илман равшан намудани моҳияти масъала ба чунин баҳсҳо икдоми тоа ва амали хайр маҳсуб меёбад.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 12 фасл, хулоса, феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт иборат аст. Дар муқаддима муҳиммияти таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, манбаҳои асосии таҳқиқ, ҳадаф, предмет, вазифа, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии мавзӯъ равшану возеҳ баён гардидааст.

Боби аввал “Ҷанбаҳои назарии шинохти сафарнома” ном дошта, андешаҳои муҳаққиқ дар бораи жанри сафарнома, хусусиятҳои жанрии сафарнома, мавқеи муаллиф дар сафарном ва навъҳои сафарнома ифода ёфтааст. Ҳамчунин, андешаи олимону муҳаққиқони тоҷик дар бораи жанри сафарнома мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, аз дидгоҳи методологӣ гурӯҳбандӣ намудааст.

Дар фасли дуюм хусусиятҳои тарбиявиву маърифатии ин жанрро таъкид намуда, умумият ва махсусияти сафарномаро аз очерк бо мисолҳо равшан намудааст. Диссертант истифодаи истилоҳи “очерки сафарӣ”-ро ба ҷойи сафарнома ҳамчун “Сафарномаи очеркӣ” тавсия медиҳад.

Фасли сеюм ҷойгоҳи муаллифро дар сафарнома муайян намуда, интихоби мавзӯъ ва аҳамияти онро нишон додааст. Дар ин фасл ба нақши муаллифи сафарнома таваҷҷуҳи бештар зоҳир шуда, муаллиф

тавассути маълумоти тоза, нақли дилчасп ва тасвирҳои ҷолиб фикру эҳсоси пешқадамро ба ҷомеа пешниҳод намояд. Вай таъкид менамояд, ки "рӯзномаи сафар", "қайдҳои сафар", "лавҳаи сафар" аз ҷиҳати шакл ба навъҳои сафарнома марбут мебошад. Роҷеъ ба таърифи ду истилоҳи муҳим- публитсистика ва журналистика назари муҳаққиқон ҳамчун асос ба инобат гирифта шуда, оид ба сафарномаҳои насрӣ ва назмӣ маълумот дода шудаст. .

Дар боби дуюми рисола "Омилҳои пайдоиш ва ташаккули сафарноманависӣ" заминаҳои пайдоиши сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик" ба риштаи пажӯҳиш кашида шуда, ба афкори донишмандон И.Усмонов, А.Саъдуллоев ва М.Муродӣ такя намуда, ҷанбаҳои назариву таърихи пайдоиши сафарномаҳо нишон дода шудааст. Ҳамчунин, анъанаҳои сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ, сафарномаҳои "Мунтахаб-ул-таворих"- и Муҳаммад Ҳакимхон, "Наводир-ул-вақоеъ"- и Аҳмади Дониш, "Рӯзномаи сафари Искандаркӯл"- и Абдураҳмони Мустаҷир, "Туҳафи аҳли Бухоро"- и Мирзо Сироҷи Ҳаким, "Таърихи Ҳумоюн"- и Гулшании Бухороӣ маълумот дода шудааст.

Боби сеюми рисола ба давраи нави ташаккули ин жанр иртибот дошта, дар фасли аввал "Воқеияти Тоҷикистон ва инъикоси он дар сафарномаҳои матбуотӣ" бар мабнои маводи маҷаллаи "Садои Шарқ" ба силки таҳқиқ кашида шудааст. Сафарномаҳои дар маҷалла нашршуда аз рӯйи хусусият ва муҳтаво гурӯҳбандӣ шудаст. Сафарномаҳои гурӯҳи аввал "Такдири дашт"- и Ю.Акобиров, "Ёвон шодоб мешавад"- и Б.Шоҳин, "Дастони босаховат"- и Ҳ.Содиқ аз ҳаёти кишоварзон, деҳқонон нақл мекунанд. Дар боби мазкур гирдоварии мавод, таҳлилу баррасии он ба мақсад мувофиқ буда, хулоса ва натиҷагириҳо ҷанбаи қавии илмӣ дорад.

Дар боби чорум "Таҳаввулоти сафарнома дар матбуоти замони истиқлол", ки аз ду фасл фароҳам омадааст, бештар хусусияти

публитсистӣ дошта, муҳимтарин мавзӯҳо бори аввал мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст. Сафарномаи “Сафари Тоҷикистон”- и адиби Эрон Гарморӯдӣ аз вазъи иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистон ба сифати адиби хориҷа ибрози назар кардааст, хеле ҷолиб мебошад.

Дар боби панҷум “Маҳорати нигоранда ва сабку услуби сафарнома” маҳорати адибону публитсистони соҳибқалам, донишманд, дунёдида, соҳибмаҳорат бо сафарномаҳои пурмазмуну пуробуранг ва дилпазиру хотирмон яфода ёфтааст. Дар боби мазкур сафарномаҳои адибону публитсистони тоҷик бо сафарномаҳои матбуоти даврӣ муқоиса гардидааст. Диссертант ба назари олими тоҷик И.Усмонов дар мавриди он ки “публитсистика адабиёт нест” назари худро иброз доштааст. Дар ин боб мавқеи муаллиф дар баррасӣ, проблемагузорӣ ва натиҷагирии масъалаҳои мавриди назар ба таври равшан намоён мешавад.

Дар хотима диссертант хулосаҳои умумии корро пешниҳод намудааст. Дар рисола баъзе нуқсонҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ва мушаххас набудани хулосаи бобҳо мушоҳида мешавад.

Дар умум, диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика» дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, бойгониву илмӣ ва захираҳои интернетӣ асоснок шуда, бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назарию амалии худ ба талаботи КОА- и назди Президенти Тоҷикистон пурра ҷавогӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - журналистика мебошад.

Абдусамад Муллоев,
доктори илмҳои филология, профессори кафедраи Назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Нишонии муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121 Тел.: 992(+327) 227 76 57

Имзои д.и.фил., профессор Муллоев Абдусамадро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Д. Назаров